**Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, соли 2024, 212 саҳ.)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи рисолаи интихобнамудаи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна бе ягон шубҳа мубрам буда, он ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ ба таври зарурӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф дуруст зикр кардааст, ки вазни қиёсии аҳолие, ки суратҳисобҳои бонкӣ доранд, танҳо 26,3 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нигарон буда, дастрасӣ ба суратҳисобҳои истифодаи фосилавӣ, яъне кортҳои пластикӣ, тариқи шабакаи интернет ва ё интернет-бонкинг ва тавассути алоқаи мобилӣ фоизи ночизро ташкил медиҳанд, ки ин хело

нигарон мебошад. Дар баробари ин муаллиф мубрамияти мавзуи интихобнамударо бо он асоснок менамояд, ки дар муқарароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» меъёрҳои мушаххас оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ бо баъзе аз истисноӣ, қариб ки ҷой надоранд.

Бояд тазаккур дод, ки пайдо шудани шаклҳои нави муомилоти мол ва хизматрасонӣ дар бозори истеъмолӣ, бинобар рушди технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, барои фаъолияти соҳибкорӣ, истифодаи усулҳои нави хариду фуруши молҳо ва пешниҳоди он имкониятҳои нав фароҳам меорад. Айни замон дар ҳама самтҳое, ки ин имконпазир аст, субъектҳои соҳибкорӣ саъйю кушиш доранд, ки аз имконоти гуногуни фуруши молу маҳсулот ва хизматрасонӣ васеъ истифода баранд. Шаклҳои фосилавии фуруши молҳо ва хизматрасониҳо ҳам барои харидорон ва ҳам истифодабарандагони он ва шахсони хизматрасонӣ оид ба таъмини дастрасӣ ба онҳо бо истифода аз интернет ва шабакаҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои телекоммуникатсионӣ ҷолибтар мегардад. Ҳаҷми савдои фосилавӣ мунтазам зиёд шуда, имкониятҳои дастрасии шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони истеъмолкунанда ба онхо зиёд мегардад. Ҳолатҳои зикршуда имкон медиҳанд, ки дар бораи аҳамияти рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба татбиқи савдои фосилавии молҳо ва усулҳои фосилавии хизматрасонӣ хулоса барорем.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки савдои фосилавӣ бо муносибатҳои гуногуни ҳуқуқие, ки дар ҷараёни амалисозии он ба вуҷуд меоянд ва ба он алоқамандаид, аз ҷумла муносибатҳои байни гуруҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон, соҳибкорон ва дигар категорияҳои иштирокчиён, муносибатҳои савдо ва муҳофизати ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон аз ҷониби мақомоти ваколатдори танзимкунандаи фаъолият дар соҳаи фосилавӣ тавсиф карда мешаванд. Дар айни замон

ягон низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие вуҷуд надоранд, ки то имкон диҳанд, ки муносибатҳои аз ҷиҳати таркиб ва хусусияти гуногун, ки дар соҳаи савдои фосилавии молу хизматрасонӣ ба миён меоянд, пурра танзим карда шавад. Тағйиротҳое, ки ба санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда мешаванд, ба мушкилоти дар соҳаи баррасишаванда сари вақт ҷавоб намедиҳанд, инчунин таҷрибаи дар як қатор давлатҳои хориҷӣ мавҷударо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи фуруши фосилавӣ пурра ба назар намегирад.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқии амалкунанда дар робита ба фуруши фосилавӣ истилоҳоти пайваста истифода намешаванд. Истилоҳотҳо ва мафҳумҳо савдои фосилавиро хамчун шакли савдое мешуморанд, ки бидуни шиносоии бевоситаи харидор бо маҳсулот ё намунаи он то бастани шартномаи хариду фуруш ва гирифтани ҳаққи моли фуруши фосилавӣ анҷом дода мешавад. Саволҳо дар бораи имкони татбиқи муқаррарот дар бораи фуруши фосилавӣ ба бахши хизматрасонӣ ва имконпазирии таҳияи чунин равиш бе ҷавоб боқӣ мондаанд.

Яке аз мушкилот ин набудани мафҳуми «муомилоти хурди маишӣ» мебошад. Чунин муомилот бештар барои савдои фосилавӣ хос аст ва ноболиғон аксар вақт тарафҳои онҳо мебошанд. Дар сурати мавҷуд набудани равишҳои ягона барои муайян кардани камаҳамиятии аҳд, хавфи беэътибор донистани чунин аҳд, масалан, бо талаби падару модар, фарзандхондагон ё васии ноболиғе, ки чунин аҳдро анҷом додааст, вуҷуд дорад. Бояд изҳор намуд, ки ноболиғон дар айни замон яке аз категорияҳои сершумори субъектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд, ки бо истифода аз интернет ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва низомҳои алоқаи мобилӣ муомилот анҷом медиҳанд.

Илова бар ин, истилоҳ ва мафҳуми «савдои фосилавӣ» бояд ягона бошанд, ки ба муносибатҳои гуногуни барои тамоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои дар қоидаҳои фуруши молҳо аз руи фосилавӣ муқарраршуда бо назардошти зарурати таҳияи он барои фаро

гирифтани ҳолатҳои савдои фосилавии хизматрасонӣ бо истифода аз Интернет ё дигар воситаҳои телекоммуникатсионӣ мувофиқ бошанд. (Саҳ. 5-7).

Ҳал нашудани як қатор мушкилоти танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи савдои фосилавии молҳо ва хизматрасониҳо, зарурати объективӣ барои ҳалли ҳамаҷонибаи онҳо, инчунин набудани таҳқиқоти махсуси илмӣ дар ин соҳаи танзими ҳуқуқӣ, пешакӣ мубрамияти мавзуи интихоби ин диссертатсияро муайян менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Майнусова М.З. дар ҳақиқат ба масъалаи мубрами имрӯзаи илмӣ ҳуқуқшиносӣ танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ бахшида шудааст. Бо вуҷуди руи нашр омадани баъзе аз мақолаву монографияҳои илмӣ аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, намояндагони риштаҳои мухталифи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ онҳо натавонистаанд, ки паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкурро аз нигоҳи илмӣ моҳиятан баррасӣ ва ҳал намоянд. Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ бо дарназардошти таъсирҳои раванди ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин замина, таҳлил ва баррасии мафҳум, хусусият ва роҳҳои ташаккули рушди қонунгузории савдои фосилавӣ ва хизматрасониҳо дар ҳамбастагӣ ва робита бо таҳқиқи ҳамаҷонибаи он аз нигоҳи илмӣ мубрам арзёбӣ гардидааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар ҷомеаи муосир танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодии интихобгардида амалӣ мегардад, нақши пешбаранда ва муайянкунанда дорад. Яке аз механизмҳои нисбатан муҳиме, ки ба давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд ин низоми савдои дар давлат буда, ки яке аз бахшҳои асосии онро низоми савдои фосилавӣ ва хизматрасониҳо ташкил медиҳад.

Ба ақидаи муаллиф муносибатҳои савдои фосилавӣ ва хизматрасониҳо дар давлатдории тоҷикон чун ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар ҳама марҳилаҳои давлатдорӣ арзи ҳастӣ доштанд. Арзёбии муаллиф бобати дар замони Истиқлолият қонунгузории дар ин самт дар давраи фаъоли рушди худ қарор дошта, бо дигар шудани муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ алоқаманд мебошад, ки қобили дастгирист. Табиист, ки муносибатҳои нави иқтисодии дар кишвар ба вуҷудомада дар назди қонунгузорӣ дар ин самт вазифаҳои нав ба навро мегузоранд. Бо дарназардошти ин омилҳо, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ мубрам маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти савдоӣ ва хизматрасониҳои давлат дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ин дуруст, бонизом ва самаранок ба роҳ мондани идоракунии он ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ мебошад. Зеро иқтисоди бозорӣ бе низоми ҳуқуқии хуб ташкилшуда ва бозори танзимшаванда бомуваффақият ва устувор рушд карда наметавонад.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани мавзуи таҳқиқотии диссертатсияи Майнусова М.З.-ро собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда ба охир намерасанд. Тадқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳими қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф масъалаҳои ташаккули рушди қонунгузории маданӣ арзёбӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳқиқот муайян намудани пайдоиши муносибатҳои нав дар даврони истиқлолияти давлаттӣ; таҳқиқи пайдоиш, таҳлили ташаккул ва рушди қонунгузории нави мадании Тоҷикистон дар ин самт; баррасӣ ва омӯзиши марҳилаҳои инкишофёбии қонунгузории мадании ҶТ; таҳлили рушди қонунгузории оид ба танзим ва идоракунии давлатии соҳаи савдои фосилавӣ; муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи қонунгузории маданӣ дар шароити муосир ва ғайраҳо.

Диссертатсияи Майнусова М.З. бо низом таҳия гардида, сохтори

рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ки панҷ зербобро муттаҳид мекунад, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба рушди қонунгузории маданӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзӯи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додаанд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода бурда шудаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омузиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Муаллиф дар **боби аввал – «Тавсифи умумии танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ»** масъалаҳои савдои фосилавии мол ва хизматрасониро ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ва қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасониро мавриди омузиш ва таҳлил қарор додааст.

Дар **зербоби якуми боби якум, ки «Савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ» номгузорӣ шудааст**, муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми рушди савдои фосилавӣ баъзе тамоюлҳоро муайян кардан мумкин аст, ки барои бозори фосилавии

Тоҷикистон хосанд, аз ҷумла: бозори савдои фосилавӣ худро дар ҳама сатҳҳои ҳукумат, соҳибкорӣ ва ҷомеа, сарфи назар аз ҳиссаи ками савдои фосилавӣ дар низоми савдо, дар ин қисмати бозор дар Тоҷикистон тамоюли устувори мусбат мушоҳида шуда, ҳамчун як бахши муҳими иқтисод эълон кардааст; бозори савдои фосилавӣ, тибқи пешгӯиҳои коршиносон, дар панҷ соли оянда камаш якчанд маротиба афзоиш меёбад; рушди савдои фосилавӣ Интернетро аз як канали иттилоотӣ ба канали фуруши бисёр ширкатҳои Тоҷикистон табдил дода, дар ҷои аввал дар байни сокинони кишвар дар рӯйхати харидҳо тавассути Интернет хурока, дар ҷои дуввум мусиқӣ, филмҳо, бозиҳои видео ва ғайра боқи мемонанд; рушди бозори савдои фосилавӣ ба рушди бозори хадамоти почта мусоидат мекунад; бозингарони калони масъул дар ин қисмати бозори чакана кушиш мекунанд то ҳадди имкон ҳуқуқи истеъмолкунандагонро аз қаллобон ва амалҳои бевиҷдононаи онҳо ҳифз кунанд ва ташкилотҳои ҷамъиятии ба ин бахш хос, таъсис диҳанд; бозори савдои фосилавии Тоҷикистон нисбат ба бозори давлатҳои хориҷа рақобатпазир нест, аз ин рӯ, корхонаҳои хурду миёна барои оғоз намудани тиҷорат ва рушди ин бозор дурнамои хуб доранд (Саҳ.35-36).

Муаллиф дар натиҷаи таҳлилу омузиши омилҳои рушди савдои фосилавӣ хулосабарорӣ намудааст, ки дар Тоҷикистон ташкили низоми дастгирии иштирокчиёни ватании бозори электронӣ низ тавсия дода мешавад, зеро дар ҳоли ҳозир онҳо ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам аз ҷиҳати нарх бо мағозаҳо ва ширкатҳои хориҷӣ рақобат мекунанд Дар воқеъ, дар ин марҳила дурнамоиояндаи рушди савдои электронӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби давлат вобаста аст.

Ҳамин тавр, хусусияти асосии савдои фосилавӣ дар он аст, ки он бо тарзи фосилавӣ тибқи шартномаи хариду фуруши чакана дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи моле, ки фурушанда дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо пешниҳод кардааст ё дар аксҳо ё бо почта, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин бо тарзҳои дигаре, ки

имконияти шиносоии бевоситаи харидор бо молро тақозо мекунад, пешниҳод мегардад. Ин масофаи фосилавӣ дар баъзе ҳолатҳо боиси норозигии харидори мол ва баъзан сабаби даъвоҳои судӣ низ мегардад. Чунки савдои фосилавӣ ин фаъолияти савдо дар самти хариду фуруши чаканаи мол ва хизматрасонӣ берун аз нуқтаҳои савдои чаканаи мол мебошад, ки бидуни иртиботи мустақим байни фурушанда ва харидор ҳангоми бастани шартномаи хариду фуруши чакана ва хизматрасонӣ пас аз он амалӣ карда мешавад.

Дар **зербоби дуюми боби аввал «Қонунгузории танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ»** номгузорӣ шудааст, ки дар он санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ таҳлил шудааст. Ба ақидаи муаллиф дар ин зербоб сухан дар бораи низоми мавҷудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба танзими муносибатҳои дар ҷараёни татбиқи савдои фосилавӣ аз ҷониби субъектҳо ба вуҷуд омадаанд, меравад. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз амали манбаъҳои ҳуқуқии дар боло таҳлилшуда, онҳо то ҳол маҷмуи гуногуни муносибатҳоеро, ки дар соҳаи савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ алоқаманданд, ба вуҷуд меоянд, фаро намегиранд. Ин, бахусус, танзими нокифояи қоидаҳои пешбурди савдо бо истифода аз интернет, аз ҷумла пардохтҳо оиди истифодабарӣ бо кортҳои бонкиро ифода менамояд. Илова бар ин, барои ҳама танзими ҳуқуқии ба назар муфассали ҳуқуқии савдои фосилавӣ ҳама воқеиятҳои ҳаёти муосирро ба назар намегиранд. Ҳамин тариқ, дар байни молҳое, ки ба тарзи фосилавӣ фурухта мешаванд, аксар вақт ашёи гаронбаҳо ҳастанд, ки наметавонанд якбора барои харидор пешниҳод карда шаванд (Саҳ. 78).

Дар **боби дуюми рисола «Махсусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ»** муаллиф масоили иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ, ҷавобгарии маданӣ барои вайрон кардани муқарраароти қонунгузорӣ дар бахши савдои

фосилавии мол ва хизматрасониро таҳлил намудааст.

Дар **зербоби якуми боби дуюм, ки «Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ»** номгузорӣ шудааст, муаллиф субъектони муносибатҳоро оид ба савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ баррасӣ кардааст. Ба назари рисоланавис, мубодилаи электронии иттилоот иштироки бевоситаи дигар иштироккунандагони савдои фосилавиро талаб мекунад, ки ҷонибдори муомила дар шакли электронӣ нестанд (ба истиснои ҳолатҳое, ки мавзӯи муомилоти электронӣ аз ҷониби ин субъектҳо хизматрасонӣ карда мешавад), аммо бе иштироки онҳо хулосаи он ва дар баъзе ҳолатҳо (масалан, вақте ки мавзӯи муомила расонидани хидматҳо дар Интернет аст) ва иҷрои он имконнопазир аст. Ин иштирокчиён бояд провайдерҳои хостинг, маъмурони сайтҳои харид ва реклама ва ғайраҳоро дар бар гиранд, ки ба назари мо мувофиқат кардан бо истилоҳи умумии "оператори муҳити электронӣ барои татбиқи равандҳои электронии бизнес" мувофиқ аст. Ба ақидаи муллиф проблемаҳои асосии танзими ҳуқуқии савдои фосилавӣ дар Тоҷикистон ин номутавозунӣ дар танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, баъзан қонунӣ набудани таъсироти давлатӣ ба фазои виртуалӣ (Интернетӣ), камбудиҳо дар механизми муайян кардани иштирокчиёни савдои электронӣ, набудани муносибати якхела дар таъйини салоҳият ва қонунҳои татбиқшаванда дар ин бахш мебошанд (Саҳ. 117).

Дар **зербоби дуюми боби дуюм «Шартномаҳо дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ»** муаллиф кулли намудҳои шартномаҳоро дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ таҳлил намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки кулли шатномоҳаое, ки дар дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ баста мешаванд ба ду гурӯҳ бо назардошти шартномаҳои муқаррарнамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим мешаванд: шартномаи хариду фурӯши чакана ва шартномаи хизматрасонии музднок. Муаллиф қайд менамояд, ки агар

дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, чунин шартнома аз лаҳзаи расидани бор ба ҷойи дар шартнома зикргардида ва агар ҷойи супоридани мол дар шартнома зикр нагардида бошад, аз лаҳзаи расондани бор ба маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ иҷрогардида ба ҳисоб меравад. (Саҳ. 118).

Дар **зербоби сеюми боби дуюми рисола**, ки «**Ҷавобгарии маданӣ барои вайрон кардани муқаррароти қонунгузорӣ дар бахши савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ**» номгузорӣ шудааст, муаллиф қайд менамояд, ки маҳз масофаи фуруши мол яке аз сабабҳои маъмултарини баҳсҳои байни фурушанда ва харидор мебошад. Тасодуфӣ нест, ки қонунгузор ҳангоми харидани мол аз руи намунаҳо ё фосилаи дур, харидор наметавонад пеш аз харид воҳиди муайяни молро интихоб кунад, сифат ва мувофиқати он ба хосиятҳои эълоншударо тафтиш кунад. Агар маълумот дар бораи маҳсулот танҳо дар каталогҳо, брошюраҳо, нархномаҳои фурӯшанда мавҷуд бошад, бидуни он ки бо маҳсулот ё намунаи он шинос шавед, пас сухан дар бораи усули дурдасти фурӯши маҳсулот меравад. Ҳангоми анҷом додани амалиёти анъанавии хариду фуруши мол тавассути интернет, харидор аксар вақт дарк намекунад, ки байни ӯ ва фурӯшанда шартномаи хариду фурӯши чакана баста мешавад. Дар ин маврид ҳуқуқи моликият ба харидор ҳангоми интиқоли он мегузарад, агар харидор пешакӣ арзиши молро пардохт кунад ё ҳангоми пардохт, агар харидор то ҳол барои мол пардохт накарда бошад, ё пурра пардохт нашудааст. (Саҳ. 165-167).

Рисоланавис дар ин зербоб зикр менамояд, ки  дар доираи савдои фосилавӣ фурушанда воқеан имкон надорад, ки молро дар муҳлати муқarраршуда, инчунин ройгон ба харидор барои истифодаи муваққатӣ дар давраи иваз кардани моли истифодаи дарозмуҳлат дар давоми се рӯз иваз намояд. Бинобар ин зарур аст барои савдои фосилавӣ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳо муҳлати зайл муқаррар карда шавад: 45

рӯз аз лаҳзаи фиристодани мол ба фурушанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) ва иваз кардани моли сифати номуносиб; 30 рӯз аз рӯзи гирифтани он ва дар ҳолати зарурати санҷиши иловагии сифати ин мол аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) - 45 рӯз аз рӯзи гирифтани он молҳо). Илова бар ин лозим аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ қоида оид ба он, ки фурушанда (истеҳсолкунанда, ташкилоти ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, воридкунанда) уҳдадор нест ба истеъмолкунанда барои моли дорои хосиятҳои асосии истеъмолӣ ройгон барои истифодаи муваққатӣ мол пешниҳод кунад (Саҳ. 180-181).

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои ташаккул ва рушди қонунгузории мадании Тоҷикистон муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти мақсаду вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Майнусова М.З. дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба таҳқиқоти рушди қонунгузории маданӣ дар самти савдои фосилавӣ буда, муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии қонунгузории маданӣ ва ба миён омадани технологияҳои нав падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Гузашта аз ин, таҳқиқбаранда вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя

пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои зиёди илмӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба танзими муносибатҳои савдои фосилавӣ ва хизматрасониҳо истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

**Асоснок ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои зерин ҳадафмандона истифода гарданд: такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи савдои фосилавӣ ва хизматрасониҳо; ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи маданӣ; қабул ва мавриди амал қарор додани ҳуҷҷатҳои барномавӣ барои беҳтар ва рушд додани низоми савдои фосилавии кишвар аз нуқтаи назари заминаҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва монанди инҳо.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Майнусова М.З. аҳамияти муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии ташаккул ва инкишофи қонунгузории мадании Тоҷикистонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии инкишофи қонунгузории маданӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани он дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёду демократӣ муайян карда шаванд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд

бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, самаранокии ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ баромад карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 2 монография, 12 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтаанд.

**Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.**

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия**. Мазмуни диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, қайд менамоем, ки он дар маҷмуъ моҳияти мавзуъро ифода намуда, имконият медиҳад, ки масъалаҳои мубрами он баррасӣ гардад, вале аз нигоҳи мо баъзе ҷиҳатҳои мавзуъ баҳснок боқӣ монда, диссертатсияи мазкур ба монанди ҳама гуна таҳқиқотҳои илмӣ аз баъзе нуқсонҳо холӣ намебошад:

1. Дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшуда, муаллиф қайд менамояд, ки: «Хусусияти асосии савдои фосилавӣ дар он аст, ки он бо тарзи фосилавӣ тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана дар асоси шиносоии харидор бо тавсифи моле, ки фурӯшанда дар каталогҳо, брошюраҳо, буклетҳо пешниҳод кардааст ё дар аксҳо ё бо почта, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин бо тарзҳои дигаре, ки имконияти шиносоии бевоситаи харидор бо молро тақозо мекунад, пешниҳод мегардад. Ин масофаи априорӣ дар баъзе ҳолатҳо боиси норозигии харидори мол ва баъзан сабаби даъвоҳои судӣ мегардад».

Ин хулосабарории муаллиф ҷолиби диққат буда, қобили дастгирист. Аммо муаллиф дар қисмати хотимавии ин хулосабарорӣ онро пешакӣ зери шубҳа гузошта, қайд менамояд, ки «Ин масофаи априорӣ дар баъзе ҳолатҳо боиси норозигии харидори мол ва баъзан сабаби даъвоҳои судӣ мегардад». Пас савол ба миён меояд, ки оё бо ин муаллиф чунин намуди савдоро муаррифӣ карданӣ нест?

2. Дар банди 8.3. пешниҳодҳои амалии барои ҳимоя пешниҳодшаванда чунин оварда шудааст: «Дар Тоҷикистон қабули «Қоидаҳои савдои мол бо тарзи фосилавӣ» ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин Қоидаҳо, ки тартиби савдои молро аз фосилаи дур муқаррар мекунанд, муносибати байни харидор ва фурушандаро ҳангоми савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ вобаста ба чунин савдо танзим мекунанд». Ин пешниҳод дар рисола бо таври даркорӣ асоснок карда нашудааст. Баъдан маълум нест, ки чи тавр ин Қоидаҳо метавонанд ба таври фосилавӣ ба ҳамаи иштирокчиёни ин муносибатҳо паҳн мегардад ва ё таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, муллифро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро онро тавзеҳоти иловагӣ диҳад.

3. Дар саҳифаи 70-71 рисола муаллиф зикр намудааст, ки: «Таҳияи Қонун «Дар бораи савдои электронӣ» як қадами нодир дар таҷрибаи қонунгузории мебошад, ки то рушди оммавии тиҷорати электронӣ, мусоидат намудан ба татбиқи самараноки усулҳои савдои электронӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои имконпазири низоми танзими қонунгузорӣ таъсис дода мешавад». Муаллифро зарур аст, ки дар рӯзи ҳимояи ошкоро мафҳуми «рушди оммавии тиҷорати электронӣ»-ро маънидод намояд. Илова бар ин, дар саҳифаи 133-и диссертатсия муаллиф дарҷ намудааст, ки: «Дар сурати усули дурдасти фурӯши мол бо истифода аз шабака, фурӯшанда вазифадор аст, ки имкони шиносоии истеъмолкунандаро бо пешниҳоди он дар вебсайт ё саҳифаи вебсайт дар Интернет таъмин намояд». Пас саволе бавуҷуд меояд, ки зарурати таъсиси вебсайт ё саҳифаи вебсайт дар Интернет дар чист?

**Хулоса дар бораи мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргарида.** Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши калидӣ надошта, баҳснок мебошанд. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат

медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

Умуман, диссертатсияи Майнусова Зарнигор Маҳмудовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии савдои фосилавии мол ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, сохибкорӣ ва оилавӣ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди кишвар мубрам мебошад. Муаллифи он Майнусова Зарнигор Маҳмудовна бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Мудири шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 (37) 221-03-28;
E-mail: www.ifppanrt.tj

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ** **Шозедов Х.Н.**

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

« 15 » феврали 2024 с.